«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд,
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
доктори илмҳои таърих, профессор
Ҷӯразода Ҷ. Х. ___________________
«__4__»_______ноябри_________ 2019

**Тақризи**

**Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба сифати муассисаи пешбари тақриздиҳанда ба диссертатсияи Сафаров Некрӯз Шодиевич дар мавзӯи «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён (дар асоси маъхазҳои таърихӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихиигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров Некрӯз Шодиевич дар мавзӯи “Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён (дар асоси маъхазҳои таърихӣ)" бо Қарори Шӯрои дисертатсионии 6D-КОА-005 назди Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тақриз ба Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, он дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи Ватан ва археологияи факултети таърих ва ҳуқуқи донишгоҳи мазкур мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи рисолаи диссертатсионӣ шахсони зерин иштирок намуданд: Исомитдинов Ҷ.Б., мудири кафедра, н.и.т., дотсент, Ҷӯразода Ҷ.Ҳ., д.и.т., профессор, Набиев В.М., д.и.т., профессор, Турсунов Н.О., д.и.т., профессор, Раҳимов Н.Т., д.и.т., профессор, Ғаффоров У., н.и.т., профессор, Ҷабборов И.Р., н.и.т., дотсент, декани факултет, Файзуллоев М., н.и.т., дотсент, Шарифов Ш., н.и.т., дотсент, Турсунов Б.Р., н.и.т.,

дотсент, Маҳмудова Н.С., н.и.т., дотсент, Эркаев С.А., н.и.т., дотсент, Ҷӯраев М.С., н.и.т., муаллими калон, Ғайбуллоева М., н.и.т., муаллимаи калон, Абдукаримов Ҷ.А., муаллими калон.

Муассисаи пешбари тақриздиҳанда дар такризи мусбати худ, ки аз ҷониби д.и.т., профессор Турсунов Н.О. ва номзадҳои илми таърих, дотсентон Исомитдинов Ҷ.Б., Шарифов Ш., Маҳмудова Н.С. таҳия ва омода гардид, қайд менамояд, ки рисолаи Сафаров Н.Ш. ба мавзӯи хеле муҳим ва камтаҳқиқшуда бахшида шуда, дар он ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён дар асоси маводи маъхазҳои нодири таърихию ҷуғрофӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

1. **Мубрам будани таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, ки давлатҳову миллатҳои ғуногунро ба сабаби заъфи физояндаи маънавӣ хатари нобудшавӣ таҳдид мекунад, рӯ овардан ба таҳқиқи ҷанбаҳои муҳими таърихи миллати тоҷик бисёр масъалаи ҷиддӣ ва саривақист. Хусусан, пажӯҳиш ва муаррифии «давраи тилоӣ»-и таърихи халқи тоҷик, яъне замони давлатдории Сомониён барои тақвияти худогоҳии миллӣ ва устуворсозии яке аз пояҳои давлатдории навини тоҷикон ҷойгоҳи арзанда дорад. Тавре маълум аст, то кунун муҳаққиқони бисёре масъалаҳои ғуногуни марбут ба давлати Сомониёнро аз қабили сиёсату иқтисод, илму фарҳанг, адабиёту фалсафа, мусиқӣ, меъморӣ, лашкардорӣ ва ғайра тахқиқу баррасӣ намудаанд. Вале то имрӯз ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён ба таври хулоса ва ё дар ҳошияи таҳқиқоти анҷомшуда баён гардида, дар алоҳидагӣ ва ба таври густарда таҳқиқ нашудааст. То кунун ҳудуди ҷуғрофиёии ин давлати бузург дар давраҳои алоҳидаи мавҷудияти он мушаххас нашуда, ҳатто замони ба Сомониён тобеъ шудани минтақаҳои кунунии Тоҷикистон ҳам дақиқ маълум карда нашудааст. Дар китобҳои илмиву таълимии макотиби миёнаву олии Тоҷикистон ҳоло ҳам он харитаҳои давлати Сомониён истифода мешаванд, ки ҳудуди комили ин давлат дар онҳо тасвир нашудааст. Аз ҷумла, вилоятҳое чун Ғур, Кирмон, Табаристон, Ҷибол ва ғайра,

ки муддатҳои тӯлонӣ тобеи Сомониён буданд, ба харитаи ин давлат ворид нашудаанд.

Муҳимияти пажӯҳиши масъалаи мазкур дар он ифода меёбад, ки бо муқоисаи маълумоти маъхазҳои таърихӣ ва маводи ҳафриёти бостоншиносии замони муосир марзҳои комили дохиливу хориҷӣ ва дар умум ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён муайян хоҳад шуд. Инчунин, бад-ин восита ҳудуди ҷуғрофиёии ташаккули халқи тоҷик ва густариши ҷуғрофиёии забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) дар Хуросони Бузург ва берун аз он мушаххас мешавад.

Ба такя ба ахбори маъхазҳои муътамади таърихӣ ва интишороти илмии мавҷуда баррасӣ кардани масъала имкон медиҳад, ки таъсири шароити ҷуғрофиёӣ ба равандҳои сиёсию иҷтимоии дар қаламрави бузурги Сомониён ҷараёндошта муайян гардад. Дар баробари ин, бо таҳқиқи ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён муайян кардани хусусиёти муҳити ҷуғрофӣ-таърихии минтақа дар ин давра имконпазир мешавад. Авомили мазбур метавонанд далели қотеи мубрам будани масъалаи таҳқиқшаванда дониста шаванд.

## 2. Сохтори диссертатсия ва мураттабии мантиқӣ.

Диссертатсияи Сафаров Некрӯз Шодиевич «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён (дар асоси маъхазҳои таърихӣ)» аз сарсухан, ду боб, хулоса, рӯйхатти сарчашмаҳову адабиёти илмӣ ва замимаҳо (харитаҳо ва ҷадвалҳо) иборат буда, ҳаҷми он 210 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар сарсухани диссертатсия мубрам будани мавзӯи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи илмии омӯхта шудани мавзӯъ бо нишон додани адабиёт баррасӣ шудаанд. Инчунин, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навоварии илмӣ ва нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда зикр гардидаанд.

Унвонҷӯ мубрам будани таҳқиқоти худро асоснок карда, зикр мекунад, ки бо муайян кардани марзҳои комили дохиливу хориҷӣ ва дар умум ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён дар заминаи муқоисаи ахбори маъхазҳои таърихӣ ва маводи бостоншиносӣ ҳудуди комили ин давлат, ки намоди давлатдории миллии мо тоҷикон мебошад, дақиқан мушаххас шуда, ахбори нодири баъзе аз маохизи таърихӣ вориди фазои илмӣ хоҳад шуд. Инчунин, дар заминаи ин

таҳқиқот ҳудуди ҷуғрофиёии ташаккули халқи тоҷик ва ғустариши забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) дар Хуросони Бузург ва берун аз он мушаххас мешавад.

Пойгоҳи манбаъшиносии таҳқиқотро маъхазҳои муътамади таърихӣ ва осори ҷуғрофиёии асримиёнагӣ ташкил додаанд. Қобили зикр аст, унвонҷӯ барои таҳқиқи амиқ маълумоти чандин маъхазҳои таърихӣ, осори ҷуғрофиёии асримиёнагӣ ва маводи бостоншиносиро дар қиёс ба ҳам таҳлилу баррасӣ намудааст. Баъзе аз ахбори маъхазҳои муътамади таърихӣ бори аввал аз ҷониби унвонҷӯ ба фазои илмӣ ворид карда шудаанд, ки ин иқдом шоистаи таҳсин аст.

Боби аввали диссертатсия ба тавсифи умумии масъалаҳои ҷуғрофӣ-таърихии Мовароуннаҳру Хуросон бахшида шуда, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввали боби якум – «**Тавсифи таърихӣ-ҷуғрофиёии мулкҳои Мовароуннаҳр**» муҳаққиқ вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва хусусияту мавқеи ҷуғрофиёии мулкҳои Мовароуннаҳрро пас аз суқути давлати Сосониён то зуҳури оли Сомон бо такя ба ахбори маъхазҳои таърихӣ таҳлилу баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, унвонҷӯ иброз медорад, ки Варорӯд (Мовароуннаҳр) дар арафаи ишғоли аъроб дар ҳоли парокандагии сиёсӣ қарор дошта, ба беш аз 40 мулки ҷудогона тақсим шуда буд. Вобаста ба зербоби якуми боби аввали диссертатсия унвонҷӯ чунин хулоса мекунад, ки вилоятҳои маъруфи сарзамини таърихии миллати тоҷик – Варорӯд ва ё Мовароуннаҳр: Суғд, Хоразм, Уструшана, Фарғона, Чағониён, Шумон, Тирмиз, Хутталон, Бадахшон, Рашт, Исфиҷоб, Илок, Чоч дар асрҳои VII–IX вобаста ба вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ гоҳе якпорча ва гоҳе ҷудо аз ҳам, гоҳе умрону ободва гоҳе афтода аз рушд вуҷуд доштанд.

Дар зербоби дуюми боби якум: «**Ҷуғрофиёи таърихии сарзамини Хуросон**» таърихи ин сарзамини паҳновар, пайдоиш ва мазмуни номи он, тақсимоти ҷугрофиёӣ ва маъмурии он дар давраҳои то исломӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллифи рисола дар зербоби мазкур чунин хулоса мекунад, ки сарзамини Хуросон дар таърихи мавҷудияташ аз чанд ҷиҳат дорои аҳамият буд. Аввалан ин ҳудуди хеле васеъ дошт, ки бо Чину Ҳиндустон ҳаммарз буд ва роҳҳои

муҳими тиҷоратӣ аз ин ду кишвар ба самти ғарбу шимол тавассути Хуросон мегузаштанд. Сониян, Хуросон минтақаи дифоие буд барои қисмати марказии Эрон. Зеро ҳуҷумҳои ғоратгаронаи қабоили турк ба ҳудуди Эрон аз самти шимол аввал ба Хуросон сурат мегирифт.

Боби дуюми рисола – «**Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён**» аз чор зербоб иборат аст.

Зербоби якум- «**Оғози ҳукумати намояндагони сулолаи Сомониён дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон**» ба баррасии таърихи ба ҳукумат расидани ин сулола ва аслу насаби онҳо, инчунин қаламрави давлати онҳо дар ибтидои зуҳур дар саҳнаи сиёсии Мовароуннахр ва Хуросон бахшида шудааст. Аз таҳлилу баррасии матолиби дар зербоби мазкур дарҷгардида унвонҷӯ чунин хулоса кардааст, ки бо таъйини намояндагони дудмони Сомонӣ дар ҳукуматҳои шаҳру вилоёти Мовароуннаҳру Хуросон, онҳо барои таъсиси давлати мустақили тоҷикон дар ҷуғрофиёи паҳноваре заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Зербоби дуюми боби дуюм – «**Густариши ҷуғрофиёи давлати Сомониён**» ба масъалаи тавсеаи ҳудуди давлати Сомониён ва ба давлати абарқудрати замони худ табдил шудани он бахшида шудааст. Ин давра мутаносибан аз замони ҳукумати Исмоил ибни Аҳмад (892–907) шуруъ мешавад. Тамоми муаррихони шинохта Исмоил ибни Аҳмади Сомониро бунёдгузори давлати Сомониён медонанд. Баробари нишастан бар тахти аморат, Исмоил пойтахти давлати худро аз Самарқанд ба Бухоро кӯч дод, ки ҳеҷ аз амирони Хуросон ба Бухоро мақом накардаанд пеш аз вай. Дар замони ҳукумати ӯ ҳудуди ҷуғрофиёии давлати Сомониён сарзаминҳои васеъро фаро гирифта, аз шимол – водии дарёи Талас, дар ҷануб то Сиистон, аз шарқ – марзҳои Туркистони шарқӣ ва Синд, дар ғарб то Эрони марказӣ мерасид, ки бо андозаҳои имрӯзӣ он қариб 3 млн $км^2$-ро ташкил мекунад.

Ин ҳудуд то давраи ҳукумати Насри II ба таври назаррас тағйир наёфт. Танҳо соли 917 Сиистон аз итоати Сомониён берун шуда, дар соли 928 Гургон дар

умури дохилӣ мухторият ба даст овард, дар ҳоле, ки дар аҳди Исмоил ва писараш Аҳмад ин ду вилоят бевосита аз Бухоро идора мешуданд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм муаллиф мавқеи ҷойгиршавии вилоятҳо ва шаҳрҳои асосии давлати Сомониёнро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Бузургтарин вилоятҳои ин давлат – Суғд, Усрушана, Фаргона, Хуҷанд, Чоч, Элок, Исфиҷоб, Хоразм, Гурганҷ, Чағониён, Хатлон, Бадахшон, Балх, Сиистон, Марв, Нишобур, Ҳирот, Гургон, Рай, Табаристон ва ғайра буданд, ки ҳар кадом шаҳрҳо ва рустоҳои бисёре доштанд. Зимни тавсифи онҳо унвонҷӯ дар хусуси марказҳои маъмурии вилоятҳои мазкур маълумоти муфассал дода, бо такя ба ахбори маъхазҳо ва маводи бостоншиносӣ мавқеи ҷойгиршавии шаҳрҳои марказиро муайян кардааст. Дар маҷмуъ, маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ дар хусуси шаҳру навоҳии давлати Сомониён асоси воқеӣ дошта, бо ҳақикати таърихӣ мутобиқат доранд. Доир ба омӯзиши амиқтари масъала таҳқиқоти бостоншиносӣ метавонад, паҳлуҳои норӯшани масоили ҷуғрофиёии давлати Сомониёро рӯшан намояд.

Дар зербоби чоруми боби дуюми рисола – «**Коҳиши ҷуғрофиёии давлати Сомониён**» масъалаи аз ихтиёри Сомониён берун рафтани вилоятҳои ҷудогонаи давлат ва дар ниҳоят маркази мамлакат, мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Зимни таҳлилу баррасии масоили марбут ба зербоби мазкур унвонҷӯ чунин хулоса кардааст, ки сабабҳои асосии коҳиши қаламрави Сомониён ва билохира аз даст рафтани сарзамини зери фармони ин давлат аз қонуниятҳои умумии тараққиёти ҷомеаи он замон берун омадаанд. Дар натиҷаи инъом додани заминҳои давлат заминдорони бузург падид омад, ки мехостанд ҳокими мустақили сарзаминҳои худ бошанд. Илова бар ин, харҷи хазина назар ба даромади он хеле зиёд гардида сабаби афзудани андозҳо ва норозигии аҳолӣ мешуданд.

**3. Дуруст ва асоснок будани нукоти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия дарҷгардида.**

Шиносоӣ бо таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров Н. Ш. аз он шаҳодат медиҳад, ки унвонҷӯ воқеан бо заҳмати қобили таваҷҷуҳе маълумоти маъхазҳои

муътамади таърихӣ, осори ҷуғрофӣ, адабиёти илмӣ ва маводи бостоншиносиро аз назари танқидӣ бо ҳам қиёс намуда, марзҳои умумӣ ва дохилии давлати Сомониёнро дақиқан тасвир намудааст. Ҳамчунин, унвонҷӯ муҳимтарин масъала – замони густариш ва коҳиши ҷуғрофиёии давлати Сомониёнро муайян кардааст.

Муаллифи рисола саҳми олимони тоҷику эронӣ, русу шӯравӣ ва чанде аз олимони ғарбиро дар таҳқиқи масъалаҳои марбут ба мавзӯи рисола зикр намуда, осори илмии ононро таҳлил ва баррасӣ намудааст. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки истифода аз осори донишмандони Ғарб нисбатан кам сурат гирифтааст.

**4. Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот.**

Дастоварди асосии илмии таҳқиқот дар он аст, ки ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён ба таври фарогир таҳқиқ гардида, ҳудуди давлати Сомониён дар тамоми давраҳои мавҷудияти он муайян гардидааст. Дар баробари ин, робитаи ҷуғрофиёи таърихӣ бо равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоии дар давлати Сомониён ҷараёндошта муайян шуда, дар асоси маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, ҳафриёти бостоншиносӣ ва маводи сиккашиносӣ роҷеъ ба шаҳру вилоятҳои давлати Сомониён маълумоти муҳим оварда шудааст. Инчунин, омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар тағйири ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён асаргузор буданд, мушаххас шуда, марзҳои ҳар кадом вилоятҳои тобеи давлати Сомониён ва дар умум тамоми ҳудуди ин давлат дар давраҳои мухталиф дар харитаҳое, ки худи унвонҷӯ таҳия кардааст, хеле дақиқ тасвир ёфтаанд.

**5. Тавсияҳо дар хусуси истифодаи натиҷаву хулосаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров Н. Ш. ҳангоми омӯзиши масъалаҳои ҷуғрофиёи таърихии асрҳои IX-XI-и Мовароуннаҳр Хуросон ва Эрон, инчунин барои таҳияи асарҳои умумии вобаста ба таърихи асримиёнагии ин сарзаминҳо метавонад мавриди истифода қарор гирад. Инчунин, таҳқиқоти мазкур метавонад барои навиштани ҷанбаҳои гуногуни таърихи ин сарзамин, таълими курсҳои махсус ва таҳияи китобҳое, ки ба ин ҳудуд ва ин давраи

таърих иртибот доранд, ҳамчун маводи иловагӣ ва ёридиҳанда хидмат кунад.

Дар баробари комёбиҳо рисолаи Сафаров Н.Ш. аз баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо холӣ нест ва тавачҷуҳи муаллифро ба чанде аз онҳо чалб менамоем:

**Аввалан**, дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз осори донишмандони Ғарб, ки дар бораи таърихи асримиёнагии Осиёи Марказӣ ва Эрон таҳқиқоти арзишманд анҷом додаанд, нисбатан кам истифода шудааст.

**Дуюм,** ҳангоми баррасии масъалаҳои марбут ба макони ҷойгиршавии шаҳрҳо на дар ҳама мавридҳо аз маводи бостоншиносӣ ба таври бояду шояд истифода шудааст, хусусан ҳангоми тавсифи баъзе аз шаҳрҳои Хуросон.

**Сеюм**, номи баъзе мавзеъҳои ҷуғрофӣ ба ду шакл навишта шудаанд: масалан, Ҷируфт, Ҷирафт ва ғайра. Истилоҳот ва номҳои хосе, ки иштибоҳан чунин омадаанд, бояд ба як шакл навишта шаванд.

**Чорум**, дар матни диссертатсия баъзан ғалатҳои сабкию услубӣ, чопӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Аммо, камбудиҳои зикршуда хислати усулӣ (принсипиалӣ) надоранд, онҳо ислоҳшаванда буда, арзишу аҳамияти илмии рисоларо коста намесозанд.

Тамоми мақсаду ҳадафе, ки муҳаққиқ дар назди худ гузоштааст, ба пуррагӣ ҳаллу фасл гардидаанд.

**6. Хулоса дар бораи мутобиқ будани диссертатсия ба талаботи КОА.**

Диссертатсияи Сафаров Некрӯз Шодиевич дар мавзӯи «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён (дар асоси маъхазҳои таърихӣ)», ки барои тақризи ташкилоти тақриздиҳанда пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии арзишманд буда, унвонҷӯ бо хулосабарориҳо ва тавсияҳои пешниҳодкардаи илмии худ аз ухдаи иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда ба хубӣ баромадааст.

Диссертатсия тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда,

унвонҷӯ Сафаров Некрӯз Шодиевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда аст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи таърихи Ватан ва археология санаи 31-уми октябри соли 2019 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок карданд: 15 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ:

«ҷонибдор» – 15 нафар;

«муқобил» – нест;

«бетараф» – нест.

Суратҷаласаи № 3 аз 31 октябри соли 2019.

**Раисикунанда, мудири кафедраи таърихи Ватан ва археологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғ. Ғафуров, номзади илмҳои таърих, дотсент** **Исомитдинов Ҷ.Б.**

**Ташхнсгар, дотсенти кафедраи таърихи Ватан ва археологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғ. Ғафуров, номзади илмҳои таърих** **Шарифов Ш.**

**Котиби ҷаласа, вазифа, унвони илмӣ** **Ҷӯраева М.**

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:

Сардори ШК ва корҳои махсуси ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров Ашрапова З.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700,

ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик
Б.Ғафуров
Тел.: 6-52-73; 6-47-39;
Факс: 6-75-18; E-mail: rector@hgu.tj